## ВАЗОРАТИ РУШДИ ИҚТИСОД ВА САВДОИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## ФАРМОИШИ САРДОРИ ХАДАМОТИ ГУМРУКӢ НАЗДИ ХУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

№69-ф аз 30 апрели соли 2008

**«Тартиби барасмиятдарории гумрукӣ ва баҳисобгирии молҳои таҳти низоми гумрукии минтақаи озоди гумрукӣ ҷойгиршаванда»**

### I. Муқаррароти умумӣ

1.Тартиби барасмиятдарории гумрукӣ ва баҳисобгирии молҳои таҳти низоми гумрукии минтақаи озоди гумрукӣ ҷойгиршаванда (минбаъд - Тартиб) мутобиқи моддаҳои 269 ва 271 Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - Кодекси гумрук) таҳия шуда, тартиби барасмиятдарории молҳои ба ҳудуди минтақаи озоди иктисодӣ (МОИ) воридшаванда ва таҳти низоми гумрукии минтақаи озоди гумрукӣ ҷойгиршуда, нисбати моле, ки низоми гумрукии минтақаи озоди гумрукӣ тағйир дода мешавад, ҳамчунин пешбурди баҳисобгирӣ ва пешнщоди ҳисоботро ба мақомоти гумрук аз ҷониби шахсоне, ки дар минтақаҳои озоди иктисодӣ фаъолият менамоянд, муайян менамояд.

2. Шартҳои таҳти низоми гумрукии минтақаи озоди гумрукӣ ҷойгир намудани мол ва истифодаи он бо моддаҳои 265-267 Кодекси гумрук муайян карда мешавад.

3.Интиқоли мол таҳти низоми гумрукии минтақаи озоди гумрукӣ ҷойгиршуда бо ҳудуди дахлдори минтақаи озоди икдисодӣ маҳдуд карда мешавад. Ҳмзамон, интиқоли мол байни зерминтақаҳои (субзона) минтақаи озоди гумрукӣ бо иҷозати мақоми гумрук таҳти назорати гумрукӣ қарор дода мешавад.

### II. Барасмиятдарории гумрукии молҳои ба ҳудуди минтақаи озоди иктисодӣ воридшаванда

4. Молҳои хоридӣ ва ватании ба худуди минтақаи озоди икnисодӣ воридшаванда, аз ҷумла молҳои барои расидан ба ҳадафи ташкили минтақаи озоди иқтисодӣ зарурӣ, бояд таҳти барасмиятдарории гумрукӣ дар низоми гумрукии минтақаи озоди гумрукӣ ҳангоми убури сарҳади минтақаи озоди иқтисодӣ қарор гиранд.

5. Ҷойгир намудани мол таҳти низоми гумрукии минтақаи озоди гумрукӣ ба шахсоне иҷозат дода мешавад, ки бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон аз тарафи мақоми ба идоракунии маъмурии минтақаи озоди иқтисодӣ ваколатдор ба қайд гирифта шудаанд.

6. Дар ҳолати ба муомилоти озод баровардани маҳсули коркарди молҳои хориҷии воридшуда, маблағҳои андоз тарзе пардохта мешаванд, ки агар моли хориҷии овардашуда, дар рӯзи ҷойгиршудани мол, таҳти гумрукии «Минтақаи озоди иктисодӣ» қарор гирифта бошад. Инчунин далели истеҳсоли моли коркардашуда дар қаламрави Минтақаи озоди иқтисодӣ бо сертификати истеҳсоли мол тасдиқ шуда бошад. (банди 2. моддаи 270 КГ.ҶТ).

7. Арзиши гумрукии моле, ки дар қаламрави минтақаи озоди иқтисодӣ коркард ва истеҳсол мешавад, ҳангоми аз қаламрави минтақаи озоди иқтисоди барои муомилоти озод ба қисми дигари қаламрави гумрукии Тоҷикистон содир карда мешавад, дар асоси арзиши гумрукии моли хориҷӣ барои коркард таҳти низоми гумрукии «Минтақаи озоди иқтисодӣ» ворид шудааст, муайян карда мешавад. Инчунин истеҳсолкунанда вазифадор аст, ки ба мақомоти гумрук маълумотҳои ҳаммонандсозии молҳои хориҷии воридшударо дар таркиби маҳсулоти истеҳсолшуда мувофиқи моддаи 175 КГ.ҶТ.

8. Молҳои дар банди 4 ҳамин Тартиб зикршуда бо пешниҳоди ҳуҷҷатҳои зерин ба мақоми гумрук бояд мавриди декларатсиякунони қарор гиранд:

1) декларатсияи бори гумрукӣ;

2) ҳуҷҷатҳои дар Кодекси гумрук муқарргардида дар бобати пешниҳоди ҳуҷҷатҳо мувофиқи талаботи низомҳои гумрукии интихобшуда, аз ҷумла ҳуҷҷатҳое, ки зарурати молҳои декларатсияшавандаро барои расидан ба ҳадафи ташкили минтақаи озоди иқтисодиро собит менамоянд.

9. Декларатсиякунонии мол ҳангоми воридот ба ҳудуди минтақаи озоди иқтисодӣ бо назардошти хусусиятҳои зерин иҷро карда мешавад:

дар сутуни 30 «Ҷойи муоинаи мол»-и декларатсияи бори гумрукӣ разами мушаххаси минтақаи озоди иқтисодӣ ва ё зерминтақаи (субзона) минтақаи озоди иктисодӣ, ки ба унвонии он мол равона щудааст, бо таври зайл нишон дода мешавад:

Элементи № ________, ки ин ҷо:

- рақами бақайдгирии минтақаи озоди иқтисодӣ;
- рақами намуди минтақаи озоди иқтисодӣ.
- рақами бақайдгирии зерминтақаи (субзона) минтақаи озоди иқтисодӣ;
- рақами намуди зерминтақаи (субзона) минтақаи озоди иқтисодӣ.

10. Ҳангоми интиқоли мол ба ҳудуди минтақаи озоди иқтисодӣ истифодаи қоидаҳои декларатсиякунонии даврӣ ва пешакии мол, инчунин расмиёти соддагардонидашудаи барасмиятдарории гумрукӣ имконпазир мебошад.

11. Ҳангоми интиқоли мол ба ҳудуди минтақаи озоди иқтисодӣ декларант ҳуқуқ дорад, ки шакли соддагардонидашудаи декларатсиякуниниро истифода барад (Замимаи 1).

Дар ин сурат, нусхаҳои шакли соддагардонидашудаи декларатсия бо тартиби зерин тақсим карда мешавад:

Нусхаи 1- дар мақомоти гумрук барои назорат боқи мемонад;

Нусхаи 2-ум - ба декларант дода мешавад.

Декларатсияи шакли соддагардонидашуда бо имзо ва мудри шахсии рақамдори шахси мансабдори мақоми гумруке, ки барсмиятдарории гумрукии мол ва воситаҳои нақлиётро иҷро менамояд, бо нишон додани таърихи барасмиятдарорӣ ва гузоштани аломат оид ба воридот содироти воқеии он тасдиқ карда мешавад.

Дар ин ҳолат, хироҷ барои барасмиятдарории гумрукӣ ситонида намешавад.

Дар сурати содироти моле, ки миқдораш аз миқдори моли воридшуда фарқ дорад, шахси интиколдиҳандаи мол дар сутуни 10 декларатсияи шакли соддагардонидашуда миқдори воқеии моли содиршавандаро бо мӯҳр тасдиқ карда, нишон медиҳад.

12. Декларатсияи шакли соддагардонидашуда аз ҷониби мақомоти гумрук дар китоби бақайдгирии декларатсияҳои шакли соддагардонидашуда ба ҳисоб гирифта мешавад (Замимаи 2).

13.Ба ҳайси ҳуҷҷати гумрукии баҳисобгирии интиқоли мол декларатсияи бори гумрукӣ ё декларатсияи шакли содагардонидашуда истифода бурда мешавад.

14.Таҳти низоми гумрукии минтақаи озоди гумрукӣ ҷойгир намудани моли пештар ба ҳудуди минтақаи озоди иқтисоди бо истифодаи шакли содагардонидашудаи декларатсиякунонӣ воридшуда дар семоҳаи ҳисоботӣ мувофиқи қонунгузории андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ва бо шарти риояи талаботи зарурӣ барои гирифтани имтиёзҳои дар Низомнома оид ба минтақаи озоди иқтисоди пешбинишуда, имконпазир мебошад.

15.Вуруди воситаҳои нақлиётӣ автомобили барои хизматрасонии объектҳо дар ҳудуди минтақаи озоди иқтисодӣ (интиқоли коргарон, мусофирон, кормандони хизматрасонӣ) истифодашаванда ва дар интиқоли мол иштироկнадошта ба ҳудуди минтақди озоди иқтисодии мазкур бо иҷозати мақоми гумрук сурат мегирад.

16. Воситаҳои нақлиётие, ки боррасонии молҳои хориҷӣ ва ватаниро ба ҳудуди минтақаи озоди иқтисоди иҷро мекунанд, давоми мӯҳлати барасмиятдарории гумрукӣ ба майдончаҳои кушода (ҷойҳои нигоҳдории муваккқатӣ) назди гузаргоаҳои минтақаҳои озоди иқтисоди ҷойгир дода мешаванд. Мӯҳлати ҷойгир будани чунин воситаҳои нақлиётӣ дар ҳудуди минтақаи озоди иқтисоди дар вобастагӣ аз вақти зарурӣ барои иҷрои корҳои боркунию борфурорӣ муайян карда мешаванд.

Баҳисобгирии вуруд ва хурӯҷи воситаҳои нақлиётӣ дар китоби баҳисобгирии молҳо ва воситаҳои нақлиётӣ дар гузаргоҳҳои назди минтақаи озоди иқтисоди (Замимаи 3) мувофиқи ҳуҷҷатҳои гумрукии баҳисобгирӣ гузаронида мешавад.

**III. Барасмиятдарории гумрукии моле, ки нисбати он низоми гумрукии минтақии озоди гумрукӣ тағйир дода мешавад**

17. Моли ватанӣ ва хориҷие, ки қаблан таҳти низоми гумрукии минтақаи озоди гумрукӣ ҷойгир шуда буд, берун аз қаламрави гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқи низоми гумрукии реэкспорти мол бароварда мешавад.

Баровардани чунин мол мувофиқи талабот нисбат ба расонидани мол таҳти назорати гумрукӣ тибқи талаботи Кодекси гумрук татбиқ карда мешавад.

18.Барасмиятдарории гумрукии моли таҳти низоми гумрукии минтақаи озоди гумрукӣ қарор дошта ҳангоми ҷойгир намудани он ба низоми гумрукии дигар, ба истисноӣ низоми гумрукии анбори гумрукӣ, низоми гумрукии анбори озод ва ҷойгир намудани мол ба минтақаи озоди иқтисодии дигар, дар мақоми гумруке, ки барасмиятдарории гумрукии чунин молро дар низоми гумрукии минтақаи озоди гумрукӣ татбиқ намудааст, иҷро карда мешавад.

19. Дар сурате, ки моли қаблан дар низоми гумрукии минтақаи озоди гумрукӣ барасмиятдаровардашуда таҳти низоми гумрукии анбори гумрукӣ, низоми гумрукии анбори озоди дар минтақаи фаъолияти мақоми гумрукӣ дигар ҷойдошта ё ҳангоми содироти мол ба ҳудуди минтақаи озоди иқтисодии дигар изҳор карда мешавад, барасмиятдарории гумрукии чунин мол мувофиқи низоми гумрукии интихобшуда дар мақоми гумруке, ки дар минтақаи фаъолияташ анборҳои гумрукӣ, анборҳои озод ё ҳудуди минтақаи озоди иқтисодии дигар воқеъ мебошанд, татбиқ карда мешавад.

Ҳамзамон, интиқоли молҳо таҳти назорати гумрукӣ мутобиқи расмиёти транзити дохилии гумрукӣ амалӣ карда мешаванд.

IV. Пешбурди баҳисобгирӣ ва пешниҳоди ҳисобот оид ба моли таҳти низоми гумрукии минтақаи озоди гумрукӣ ҷойгиркардашуда

20. Бо мақсади таъмини риояи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мақомоти гумрук ҳуқуқ доранд, ки шаклҳои назорати гумрукии дар моддаи 407 Кодекси гумрук пешбинишударо истифода баранд ва ҳамчунин назорати гумрукии баъд аз иҷозати мол ва воситаҳои нақлиётро мувофиқи моддаи 402 Кодекси гумрук татбиқ намоянд.

21. Шахсоне, ки низоми гумрукии минтақаи озоди гумрукиро интихоб намудаанд ӯҳдадоранд, ки баҳисобгирии молро ба роҳ монда (Замимаи 4), ҳисоботро дар бораи он ба мақомоти гумрук пешниҳод намоянд (Замимаи 5). Ҳамаи тағйиротҳои баамаломада нисбати мол бояд дар ҳуҷҷатҳои ҳисоботӣ инъикос карда шавад.

22. Субъекти минтақаи озоди иқтисодӣ (минбаъд-субъекти МОИ) молҳои таҳти низоми гумрукии минтақаи озоди гумрукӣ ҷойгиршаванда, инчунин молҳои дар мавриди анҷом додани амалиётҳои коркарди чунин молҳо бавуҷудомадаро дар шакли хаттӣ ва электронӣ, ба ҳисоб мегирад.

Баҳисобгирӣ бо роҳи ҷорӣ намудани китоби «Баҳисобгирии молҳо» мутобиқи намунаи замимаи 4 Тартиби мазкур анҷом дода мешавад.

Ҳангоми пур кардани китоби «Баҳисобгирии молҳо» маълумоти зерин нишон дода мешавад:

- дар сутуни 2 ҳуҷҷати гумрукие, ки таҳти низоми гумрукии МОИ чойгир намудани молро шаҳодат медиҳад;

- дар сутуни 3 номгӯйи пурраи мол;

- дар сутуни 4 рамзи мол мутобиқи НМ ФИХ ЕврАзЭС;

- дар сутуни 5 миқдори моли ба МОИ воридкардашуда;

- дар сутуни 6 миқдори моли аз МОИ содиркардашуда;

- дар сутуни 7 миқдори моли бо мақсади анҷом додани амалиёти коркард воридкардашуда;

- дар сутуни 8 воҳиди андозагирии мол мутобиқи НМ ФИХ ЕврАзЭС, барои муайян кардани миқдори моли дар сутуни 5, 6, ва 7 нишон додашуда;

-дар сутуни 9 миқдори моли ҳангоми анҷоми амалиёти коркард истифодашуда;

-дар сутуни 10 номгӯйи пурраи моли баъди анҷом додани амалиёти коркард бавуҷудомада;

-дар сутуни 11 рамзи моли баъди анҷом додани амалиёти коркарда бавуҷудомада, ки дар сутуни 10 нишон дода шудааст мутобиқи НМ ФИХ ЕврАзЭС;

-дар сутуни 12 миқдори моли баъди анҷом додани амалиёти коркард бавуҷудомада;

-дар сутуни 13 воҳиди андозагирии мол мутобиқи НМ ФИХ ЕврАзЭС, барои муайян кардани миқдори моли дар сутуни 12 нишон додашуда;

-дар сутуни 14 миқдори моли баъди анчом додани амалиёти коркард бавуҷудомада ва аз МОИ содиршуда;

-дар сутуни 15 миқдори моли боқимонда, ки дар сутуни 7 нишон дода шудааст ва дар амалиёти коркард истифода нашудааст;

-дар сутуни 16 миқдори моли боқимонда, ки дар сутуни 7 нишон дода шудааст ва дар амалиёти коркард истифода нашуда аз МОИ содир карда шудааст;

-дар сутуни 17 ҳуҷҷати гумрукие, ки содир намудани молро аз МОИ шаҳодат медиҳад.

Ҳармоҳа маълумот аз китоби «Баҳисобгирии молҳо» чоп карда шуда, бо имзо ва мудри субъекта МОИ тасдиқ гардида, дар парвандаи алоҳида нигоҳ дошта мешавад.

Парвандаи Китоби «Баҳисобгирии молҳо» аз рӯйи тақвими сол пеш бурда мешавад.

Баанҷомрасии парвандаи китоби «Баҳисобгирии молҳо» бо навиштаҷоти «Китоби баҳисобгирии молҳо « ___________» __________ соли ба анчом расид» барасмият даровардa мешавад.

Баъди ба анҷом расидани парвандаи китоби «Баҳисобгирии молҳо» варақаҳои он рақамгузорӣ ва духташуда бо мудри мақоми гумруке, ки дар минтақаи фаъолияти он минтақаи озоди иктисодӣ ҷойгир аст, тасдиқ карда мешавад ва ба муддати 5 сол нигоҳ дошта мешавад.

Ворид намудани навиштаҷоти иловагӣ ё ислоҳот ба маълумоти дар парвандаи китоби «Баҳисобгирии молҳо» нигоҳдоришаванда баъди ба анҷом расидани он иҷозат дода намешавад.

23.Субъекта минтақаи озоди иқтисодӣ ба мақоми гумруке, ки дар минтақаи фаъолияти он минтақаи озоди иқтисодӣ ҷойгир мебошад, дар бораи моли таҳта низоми гумрукии минтақаи озоди гумрукӣ ҷойгирбуда, инчунин дар бораи моли ҳангоми анҷом додана амалиёти коркарди чунин молҳо ба вуҷудомада аз рӯйи намунаи замимаи 5 Тартиби мазкур ҳисобот пешниҳод менамоянд.

Ҳангоми пур кардани намунаи «Ҳисобот» маълумоти зерин нишон дода мешавад:

-дар сутуни 2 ҳуҷҷати гумрукие, ки таҳти низоми гумрукии МОИ ҷойгир намудани молро шаҳодат медиҳад;

-дар сутуни 3 номгӯйи пурраи мол;

-дар сутуни 4 рамзи мол мутобиқи НМ ФИХ ЕврАзЭС;

-дар сутуни 5 миқдори моли ба МОИ воридкардашуда;

-дар сутуни 6 миқдори моли аз МОИ содиркардашуда;

-дар сутуни 7 миқдори моли бо мақсади анҷом додани амалиёти коркард воридкардашуда;

-дар сутуни 8 воҳиди андозагирии мол мутобиқи НМ ФИХ ЕврАзЭС, барои муайян кардани миқдори моли дар сутуни 5, 6, ва 7 нишон додашуда;

-дар сутуни 9 миқдори моли ҳангоми анҷоми амалиёти коркарда истифодашуда;

-дар сутуни 10 номгӯйи пурраи моли баъди анҷом додани амалиёти коркард бавуҷудомада;

-дар сутуни 11 рамзи моли баъди анҷом додани амалиёти коркард бавуҷудомада мутобиқи НМ ФИХ ЕврАзЭС;

-дар сутуни 12 миқдори моли баъди анҷом додани амалиёти коркард бавуҷудомада;

-дар сутуни 13 воҳиди андозагирии мол мутобиқи НМ ФИХ ЕврАзЭС, барои муайян кардани миқдори моли дар сутуни 12 нишон додашуда;

-дар сутуни 14 миқдори моли баъди анҷом додани амалиёти коркард бавуҷудомада ва аз МОИ содиршуда;

-дар сутуни 15 миқдори моли боқимонда, ки дар сутуни 7 нишон дода шудааст ва дар амалиёти коркард истифода нашудааст;

-дар сутуни 16 миқдори моли боқимонда, ки дар сутуни 7 нишон дода шудааст ва дар амалиёти коркард истифода нашуда аз МОИ содир карда шудааст;

-дар сутуни 17 воҳиди андозагирии мол мутобиқи НМ ФИХ ЕврАзЭС, барои муайян кардани миқдори моли дар сутуни 14, 15 ва 16 нишон додашуда;

-дар сутуни 18 ҳуҷҷати гумрукие, ки содир намудани молро аз МОИ шаҳодат медиҳад.

Ҳисобот ҳармоҳа то рӯзи 5-уми моҳи баъд аз давраи ҳисоботӣ омада, дар ҳомили қогазӣ дар ду нусха ва дар шакли электронӣ пешниҳод карда мешавад.

Ҳисоботӣ пешниҳодгардида бояд бо имзо ва муҳри шахсе, ки аз номи онҳо ҳисобот пешниҳод мегардад, тасдиқ карда шавад.

Шахси мансабдори мақоми гумрук ҳангоми қабули ҳисобот дар ҳамаи нусхаҳои он навиштаҷоти зеринро мегузорад: «Ҳисобот қабул карда шуд» бо нишон додани таърихи қабули ҳисобот ва тасдиқи он ба имзо ва мӯҳри рақамдори шахсӣ.

Нусхаи 1-уми ҳисобот аз ҷониби мақоми гумрук бо мақсади баҳисобгирии молҳои таҳти назорати гумрукӣ қарордошта истифода шуда, дар мақоми гумруке, ки ба он ҳисобот пешниҳод гардидааст, дар парвандаи алоҳида нигоҳ дошта мешавад.

Нусхаи 2-юми ҳисобот ба шахси онро пешниҳоднамуда бозгардонда мешавад.

## IV. Муқдрраротӣ хотимавӣ

24. Дар сурати вайронкунии талаботи низоми гумрукии минтақаи озоди гумрукӣ ва ҳамин тартиб мувофи ки қонунгузории Ҷуумҳурии Тоҷикистон ҷавобгарӣ пешбинӣ карда мешавад.

Аз 12 маи соли 2009